**Тақриз**

**ба автореферати Қобилов Аҳмад Абдуллоевич «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ (исму сифат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ**

Дар забоншиносии тоҷик доир ба вижагиҳои сохториву маъноии вожаҳои сохтаи ба исму сифат мансуби забони тоҷикӣ, усулҳои васли пешванду пасвандҳои калимасоз ба ҷузъи асосӣ, нақш ва мақому мавқеи ҳар кадоми ин гуна вандҳо дар бунёди чунин захираҳои луғавии забон аз ҷониби забоншиносон пажуҳишҳои судманд ва ҷолибе анҷом дода шудаанд, вале то кунун дар ин самти таҳқиқ ба субут расонидани корҳои бисёре дар пеш аст. То ҳол хусусиятҳои зуҳури чунин вожаҳо дар кулли даврони инкишофи забони тоҷикӣ, мансубияти забонии ҳиссаҳои таркибии онҳо, вижагии шакливу доираи маънояшон ва монанди инҳо муаммоҳои алоҳида ҷой дошта, интизори пажуҳишанд. Диссертатсияи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич ба яке аз ҳамин гуна масъалаҳо – хусусиятҳои ташаккули исму сифатҳои сохта дар яке аз осори насрии муфиди даврони Сомониён - «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» бахшида шудааст.

Пажуҳиши мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи осори таҳқиқии мавриди истифода қарордодаи унвонҷӯ иборат аст.

Дар муқаддима унвонҷӯ доир ба мубрам будани мавзуи пажуҳиш, дараҷаи ҳаллу фаслгардии он дар забоншиносии тоҷик, мақсаду вазифаҳо, асосҳои назариву методологии он, сарчашмаҳои пажуҳиш ва нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳамияти назариву амалӣ, навгониҳо, саҳми шахсии довталаб, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ андешаронӣ кардааст.

Дар бобҳои рисола муаллиф дар бораи мақому мавқеи як пешванди исмсози *ҳам-* ва чаҳор пешванди сифатсоз (бо- \ ба-, бе-, бар-, но-), понздаҳ пасванди исмсоз ва чаҳордаҳ пасванди сифатсоз дар зуҳури унсурҳои луғавии марбут ба исму сифат андеша рондааст ва усулҳои

замимагардии ҳар кадоми вандҳои ёдшударо дар ташаккули вожаҳои нави сохта муайян кардааст. Дар натиҷаи муқоисаи нақши ин гуна вандҳои калимасоз унвонҷӯ ба бардоште расидааст, ки баъзеи чунин унсурҳои калимасоз имкони ҳамнишин шудан бо хелҳои мухталифи вожаҳоро доранд, вале бархе аз ин ҷиҳат имкони маҳдудро доро мебошанд.

Вижагии дигари вандҳои дар "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" дучоршуда дар он зоҳир мегардад, ки қисме ҳамеша бо унсурҳои луғавии аслии тоҷикӣ, аммо иддае ҳам бо аносири худӣ, ҳам иқтибосӣ қудрати пайвандшавӣ доранд.

Дар ҷараёни таҳлил унвонҷӯ як самти таваҷҷуҳашро ба гунанокии исму сифатҳои сохта, доираи маънои онҳо равона карда, сабабҳои дар чунин шаклу маъно истифодагардияшонро то қадри тавони худ ошкор кардааст.

Як ҷиҳати ҷалбкунандаи таваҷҷуҳ дар рисола он аст, ки муаллиф бо мақсади нишон додани саҳми ин асар дар инкишофи захираи луғавии забони даврони Сомониён калимаҳои сохтаи нодирро монанди *мардумгоҳ, пойчазор, нисориш, ҳамханд, шитобманд* аз "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" пайдо намудааст. Дар ҷараёни таҳлил унвонҷӯ наздик ба сӣ адад исми сохта ва беш аз бист адад сифати сохтаи асари мазкурро муайян кардааст, ки аксари онҳо аз ҳеҷ кадом фарҳангномаҳои куҳану муосири барояш дастрас дарёфт карда нашудаанд.

Аз мутолиаи фишурдаи рисола бармеояд, ки Қобилов А.А. барои таълифи пажуҳишаш заҳмати зиёд кашидааст, маводи заруриро аз "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" гирд овардааст, онҳоро бо ҳамдигар қиёс кардааст.

Дар фишурдаи мавриди мутолиа дар радифи комёбиҳо баъзе нуқсонҳо ба назар расиданд, киислоҳи онҳо боиси болоравии ҳусни он хоҳад шуд:

1. Дар мавридҳои алоҳида дар фишурда ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ дида шуданд.

2. На ҳамаи вожаҳои нодир ҳисобидаи унвончӯ ба ҳақиқати илмӣ мувофиқанд.

Чунин ғалатҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз арзиши умумии онро паст намекунанд.

Хулоса, рисолаи илмии Қобилов Аҳмад Абдуллоевич «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ (исму сифат)» ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин тақозои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз**: доктори илмҳои филологӣ,
профессор, мудири кафедраи забонҳои
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон Шафоатов А.Н.

*«Имзои доктори илмҳои филологӣ,*
*А.Н.Шафоатовро тасдиқ мекунам.»*
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи Саидмуъмин Раҳимов
“14” феврали соли 2024 Расулов М.М.

**Нишонӣ**: 734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳаллаи Лучоб 53,
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи Саидмуъмин Раҳимов